Замима ба Қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз “7” майи соли 2014, №90

**Тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №199 “Дар бораи тартиби додани қарзи хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд”**

Ба Дастурамали №199 “Дар бораи тартиби додани қарзи хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд” тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Сархати 5 банди 1 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

“- маблағи фоизи қарз – маблағе, ки қарзгиранда ба ташкилот барои истифодабарии қарз барои як давраи муайян вобаста ба меъёри фоизи қарз пардохт менамояд;”

2. Ба банди 1 сархати нав бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

“- меъёри фоизии самараноки солона – ифодаи фоизие, ки бо назардошти пардохтҳои аз ҷониби муштарӣ барои хизматрасониҳои қарз ба ташкилоти маблағгузории хурд (минбаъд-ташкилот) пардохташаванда ҳисоб карда мешавад. Меъёри фоизии самараноки солона меъёри фоизиро ба таври солона, дуруст, самаранок ва муқоисашаванда нишон медиҳад.”

3. Банди 2 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

“2. Ташкилот уҳдадор аст, ки меъёри фоизи қарз ва меъёри фоизии самараноки солонаи қарзро дар шартнома нишон диҳад.”.

4. Дар банди 4 баъд аз калимаҳои “Дастурамали мазкур” аломат ва калимаҳои “, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз” илова карда шаванд.

5. Дар банди 8 баъд аз калимаи “таъминот” калимаҳои “талабот оид ба пешниҳоди маълумот дар бораи таърихи қарзи муштарӣ ва гирифтани дархост аз бюрои таърихи қарз” илова карда шаванд.

6. Сархати дуюми банди 11 хориҷ карда шавад.

7. Сархати 4 банди 11 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

“-ҳисоботи молиявӣ бо қайди мақомоти андоз ва ё эъломияи андоз барои давраи охирони ҳисоботӣ;“.

8. Сархати 9 банди 11 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

“-рӯйхати молу мулк бо нишон додани арзиш ё таъминоти дигар, ки ҳангоми додани қарз бо таъмини иҷрои уҳдадорӣ пешниҳод мешавад;“.

9. Банди 12? бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“12? Дар баробари ҳуҷҷатҳои дар бандҳои 10 ва 11 Дастурамали мазкур пешбинишуда, дар парвандаҳои қарзии муштариён бояд маълумотнома дар ҳаҷми 1 варақ бо андозаи ҳуруфи на камтар аз 22, ки дар он шартҳои асосии қарз нишон дода шудаанд, ҷойгир карда шавад. Дар маълумотнома бояд имзои муштарӣ оиди бо шартҳои қарз шинос шудани он, мавҷуд бошад.”

10. Банди 15? бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“15$^1$ Ташкилот ба таври ҳатмӣ ба муштарии эҳтимолӣ моҳияти пешниҳоди маълумотро ба бюрои таърихи қарз бо мақсади гирифтани розигии пешакии он мефаҳмонад.”

11. Банди 16 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

“16. Қарор оид ба додан ё надодани қарз тибқи тартиби муқарраркардаи ташкилот дар Кумитаи қарзии он ё бо салоҳияти шахси масъул қабул карда мешавад.”.

12. Дар банди 20 баъд аз калимаҳои “меъёри фоизи қарз” калимаҳои “меъёри фоизии самараноки солона” илова карда шуда, калимаҳои “манбаҳои пӯшонидани қарз” хориҷ карда шаванд.

13. Банди 21 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

“21. Ҳангоми аз ҷониби муштарӣ пеш аз муҳлат пардохт намудани қарз бо шарти як моҳ пеш огоҳонидани ташкилот аз ӯ ҷаримаи аҳдшиканӣ ситонида намешавад.”.

14. Дар банди 26 калимаҳои “бақияи қарз” ба калимаҳои “бақияи қарзи таснифшуда” иваз карда шаванд.

15. Банди 26? бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“26?. Ташкилот ба шахсе такроран қарз медиҳад, ки қарзи асосӣ ва фоизи онро саривақт пардохт намуда истодааст.”

16. Банди 29 хориҷ карда шавад.

17. Дар банди 31 калимаҳои “пеш аз муҳлат пардохтани” ба калимаҳои “пеш аз муҳлат пурра пардохтани” иваз карда шаванд.

18. Дар банди 32 калимаи “Ситонидан” ба калимаи “Ситонидани” ва калимаҳои “танҳо аз бақияи қарз” ба калимаҳои “аз бақияи қарз ва ё пардохтҳои моҳона” иваз карда шаванд.

19. Дар банди 34 калимаҳои “фоизи қарз” ба калимаҳои “маблағи фоизи қарз” иваз карда шаванд.

20. Бандҳои 34?, 34$^2$ ва 34$^3$ бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

“34?. Меъёри фоизии самараноки солонаи қарзҳо аз рӯи баробарии зерин ҳисоб карда мешавад:

$$S - F = \sum_{t=1}^{N} \frac{P_t}{(1 + IRR)^t}$$

**$P_t$** – пардохтҳо барои давраи t;

**t** – (1,…., N) шумораи давраҳо (рӯз, моҳ ва сол);

**S** – маблағ қарзи додашуда;

**F** – хароҷотҳо барои хизматрасонӣ ҳангоми гирифтани қарз;

**IRR** – меъёри фоизии самараноки солона.

$34^{2}$. Ҳисобкунии меъёри фоизии самараноки солона аз тарафи ташкилотҳо бо усули алгебравӣ ба воситаи барномаҳои компютерӣ ба роҳ монда мешавад. Барои ҳисобкунии меъёри фоизии самараноки солона функсияи молиявии ВСД[1]-и барномаи Microsoft EXCEL (ва агар барномаи Microsoft EXCEL бо забони англисӣ бошад функсияи IRR[2]) тавсия дода мешавад. Дар Замимаи №1 ба Дастурамали мазкур намунаҳо барои ҳисоб кардани меъёри фоизии самараноки солона нишон дода шудаанд.

$34^{3}$. Ҳангоми ҳисобкунии меъёри фоизии самараноки солона маблағҳои пардохташаванда ва даврияти пардохти онҳо метавонанд гуногун бошанд.”

21. Дар зербанди “б” банди 40 баъд аз калимаи “гаравгузоштташавандаро” калимаҳои “бо истифода аз рӯйхатҳои қайди амволи гарав ва дигар маълумоти дастрас ” илова карда шаванд.

22. Банди $40^{1}$, бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“$40^{1}$. Ташкилот маснуоти заргарии ба сифати гарав барои нигоҳдорӣ қабул намударо бояд дар халтачаҳои шаффоф нигоҳ дорад.”

Замимаи №1<br>ба Дастурамали №199<br>аз “___” ___________ соли 2014, №____

**Намунаи 1.** Фоизҳои қарз моҳона, маблағи асосии қарз дар охири давра ва ҳаққи хизматрасонӣ дар санаи гирифтани қарз ситонида мешавад.

| | |
|---|---|
| Маблағи қарз | 20 000 сомонӣ |
| Фоизи қарз (солона) | 30% |
| Санаи пешниҳоди қарз | 15.05.2013 |
| Муҳлати пешниҳоди қарз | 1 сол |
| Ҳаққи хизматрасонӣ | 200 сомонӣ (1% аз маблағи умумӣ) |

| Муҳлати пардохт | Бақияи қарз | Пардохти қарз (фоизҳо моҳона, қарзи асосӣ дар охири давра) | Дигар пардохтҳо | Ҷамъи маблағҳои пардохташуда |
|---|---|---|---|---|
| 15.05.2013 | -20 000 | | 200 | -19800 |
| 15.06.2013 | | 500 | | 500 |
| 15.07.2013 | | 500 | | 500 |
| 15.08.2013 | | 500 | | 500 |

---

[1] агар барномаи Microsoft EXCEL бо забони русӣ бошад: Формулы=>Вставить Функцию=>Категория:Финансовые=>Выберите Функцию: ВСД (Внутренная ставка доходности) (Дар қисмати Предположение барои аниқтар шудани натиҷа рақами 0,001 гузошта шавад)

[2] агар барномаи Microsoft EXCEL бо забони англисӣ бошад: Formulas=>Insert Function=>Select category:Financial=> Select a function: IRR (Internal rate of return) (Дар қисмати Guess барои аниқтар шудани натиҷа рақами 0,001 гузошта шавад)

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 15.09.2013 | | 500 | | 500 |
| 15.10.2013 | | 500 | | 500 |
| 15.11.2013 | | 500 | | 500 |
| 15.12.2013 | | 500 | | 500 |
| 15.01.2014 | | 500 | | 500 |
| 15.02.2014 | | 500 | | 500 |
| 15.03.2014 | | 500 | | 500 |
| 15.04.2014 | | 500 | | 500 |
| 15.05.2014 | | 20500 | | 20500 |
| **Фоизи самараноки солона** | | | | **31%** |

**Намунаи 2.** Қарз вобаста ба муҳлат мутаносибан ба давраҳо баробар тақсим карда шуда, маблағи фоизи қарз аз бақияи қарз дар охири давра ҳисоб карда мешавад ва ҳаққи хизматрасонӣ дар санаи гирифтани қарз ситонида мешавад.

| | |
|---|---|
| Маблағи қарз | 20 000 сомонӣ |
| Фоизи қарз (солона) | 30% |
| Санаи пешниҳоди қарз | 15.05.2013 |
| Муҳлати пешниҳоди қарз | 1 сол |
| Ҳаққи хизматрасонӣ | 200 сомонӣ (1% аз маблағи умумӣ) |

| Муҳлати пардохт | Бақияи қарз | Пардохти қарз (қарзи асосӣ ба давраҳо тақсим карда шуда аз бақия фоиз пардохт мешавад.) | | Дигар пардохтҳо | Ҷамъи маблағҳои пардохташуда |
|---|---|---|---|---|---|
| 15.05.2013 | -20000 | | | 200 | -19800 |
| 15.06.2013 | -18333,3 | 1666,7 | 500,0 | | 2166,7 |
| 15.07.2013 | -16666,7 | 1666,7 | 458,3 | | 2125,0 |
| 15.08.2013 | -15000,0 | 1666,7 | 416,7 | | 2083,3 |
| 15.09.2013 | -13333,3 | 1666,7 | 375,0 | | 2041,7 |
| 15.10.2013 | -11666,7 | 1666,7 | 333,3 | | 2000,0 |
| 15.11.2013 | -10000,0 | 1666,7 | 291,7 | | 1958,3 |
| 15.12.2013 | -8333,3 | 1666,7 | 250,0 | | 1916,7 |
| 15.01.2014 | -6666,7 | 1666,7 | 208,3 | | 1875,0 |
| 15.02.2014 | -5000,0 | 1666,7 | 166,7 | | 1833,3 |
| 15.03.2014 | -3333,3 | 1666,7 | 125,0 | | 1791,7 |
| 15.04.2014 | -1666,7 | 1666,7 | 83,3 | | 1750,0 |
| 15.05.2014 | 0,0 | 1666,7 | 41,7 | | 1708,3 |
| **Фоизи самараноки солона** | | | | | **32%** |

**Намунаи 3.** Қарз ва маблағи фоизи он ба давраҳо ба усули аннуитет тақсим карда шуда, ҳаққи хизматрасонӣ дар санаи гирифтани қарз ситонида мешавад.

| | |
|---|---|
| Маблағи қарз | 20 000 сомонӣ |
| Фоизи қарз (солона) | 30% |
| Санаи пешниҳоди қарз | 15.05.2013 |
| Муҳлати пешниҳоди қарз | 1 сол |
| Ҳаққи хизматрасонӣ | 100 сомонӣ (0,5% аз маблағи умумӣ) |

| Муҳлати пардохт | Бақияи қарз | Пардохти қарз (қарз ва фоизҳо баробар тақсим карда шудаанд (аннуитет)) | Дигар пардохтҳо | Ҷамъи маблағҳои пардохташуда |
|---|---|---|---|---|
| 15.05.2013 | -20000 | | 100 | -19900 |
| 15.06.2013 | | 1 949,7 | | 1 949,7 |
| 15.07.2013 | | 1 949,7 | | 1 949,7 |
| 15.08.2013 | | 1 949,7 | | 1 949,7 |
| 15.09.2013 | | 1 949,7 | | 1 949,7 |
| 15.10.2013 | | 1 949,7 | | 1 949,7 |
| 15.11.2013 | | 1 949,7 | | 1 949,7 |
| 15.12.2013 | | 1 949,7 | | 1 949,7 |
| 15.01.2014 | | 1 949,7 | | 1 949,7 |
| 15.02.2014 | | 1 949,7 | | 1 949,7 |
| 15.03.2014 | | 1 949,7 | | 1 949,7 |
| 15.04.2014 | | 1 949,7 | | 1 949,7 |
| 15.05.2014 | | 1 949,7 | | 1 949,7 |
| **Фоизи самараноки солона** | | | | **31%** |

**Намунаи 4.** Қарз дар 4 моҳи аввал имтиёз дошта, танҳо маблағи фоизи қарз пардохт карда мешавад ва дар боқимонда давраҳо қарз ва фоизи он ба давраҳо тақсим карда шуда (усули аннуитет), ҳаққи хизматрасонӣ дар санаи гирифтани қарз ситонида мешавад.

| | |
|---|---|
| Маблағи қарз | 20 000 сомонӣ |
| Фоизи қарз (солона) | 30% |
| Санаи пешниҳоди қарз | 15.05.2013 |
| Муҳлати пешниҳоди қарз | 1 сол |
| Ҳаққи хизматрасонӣ | 150 сомонӣ (1% аз маблағи умумӣ) |

| Муҳлати пардохт | Бақияи қарз | Пардохти қарз (қарз ва фоизҳо баробар тақсим карда шудаанд (ануитет), бо 4 моҳ давраи имтиёзнок)) | Дигар пардохтҳо | Ҷамъи маблағҳои пардохташуда |
|---|---|---|---|---|
| 15.05.2013 | -20000 | | 150 | -19850 |
| 15.06.2013 | | 500 | | 500 |
| 15.07.2013 | | 500 | | 500 |
| 15.08.2013 | | 500 | | 500 |
| 15.09.2013 | | 500 | | 500 |
| 15.10.2013 | | 2 789,3 | | 2789,3 |
| 15.11.2013 | | 2 789,3 | | 2789,3 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 15.12.2013 | | 2 789,3 | | 2789,3 |
| 15.01.2014 | | 2 789,3 | | 2789,3 |
| 15.02.2014 | | 2 789,3 | | 2789,3 |
| 15.03.2014 | | 2 789,3 | | 2789,3 |
| 15.04.2014 | | 2 789,3 | | 2789,3 |
| 15.05.2014 | | 2 789,3 | | 2789,3 |
| **Фоизи самараноки солона** | | | | **31%** |